**ФАРМОИШИ**
**ДИРЕКТОРИ АГЕНТИИ ИННОВАТСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Аз «10» феврали соли 2025 №11/01 ш. Душанбе

Дар бораи Тартиби ба даст овардан ва истифодабарии сертификатҳои решавии имзои электронии ҳифзшуда

180.080.040.

Мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» ва банди 10 Низомномаи Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2024, №798 тасдиқ шудааст,

Ф А Р М О И Ш  М Е Д И Ҳ А М:

1. Тартиби ба даст овардан ва истифодабарии сертификатҳои решавии имзои электронии ҳифзшуда тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
3. Шуъбаи молия ва хоҷагидорӣ пас аз бақайдгирии давлатӣ ҷиҳати интишори расмии фармоиши мазкур дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» чораандешӣ намояд.
4. Раёсати танзими гардиши ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ якҷо бо Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Марказҳои тасдиқкунанда, хизматрасониҳои давлатӣ ва таҳияи барномаҳои рақамӣ» тибқи Тартиби мазкур ба даст овардан ва истифодабарии сертификатҳои решавии имзои электронии ҳифзшударо амалӣ намояд.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - сарпарасти соҳа вогузор карда шавад.

Директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Мирзо Хуршед

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1328
«18» 02 с. 2025

Замима ба
фармоиши директори Агентии инноватсия
ва технологияҳои рақамии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «10» феврали соли 2025, №1/01

Тартиби ба даст овардан ва истифодабарии сертификатҳои решавии имзои электронии ҳифзшуда

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби ба даст овардан ва истифодабарии сертификатҳои решавии имзои электронии ҳифзшуда (минбаъд – Тартиби мазкур) тартиби ба даст овардан ва истифодабарии сертификатҳои решавии имзои электронии ҳифзшударо муқаррар мекунанд.

2. Дар Тартиби мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- маркази тасдиққунандаи решавӣ - мақоми ваколатдор оид ба назорати давлатӣ дар соҳаи имзои электронӣ (марказҳои тасдиққунанда маълумот дар бораи сертификатҳои додашударо ба маркази тасдиққунандаи решавӣ ирсол менамоянд. Санҷиши аслият ва эътиборнокии имзои электронӣ тавассути маркази тасдиққунандаи решавӣ амалӣ гардида, маркази мазкур пуррагӣ ва захиракунии маълумотро дар ҳолатҳои ғайричашмдошт таъмин менамояд);
- маркази тасдиққунанда - шахси ҳуқуқӣ, ки дорои ҳуқуқи тасдиқи мутобиқати калиди кушодаи имзои электронии ҳифзшуда ба калиди пӯшидаи имзои электронии ҳифзшуда мебошад;
- сертификати решавии имзои электронии ҳифзшуда (минбаъд - сертификати решавӣ) – ҳомили электрониест, ки дар он маълумоти маркази тасдиққунандаи решавӣ, аз ҷумла ном, рақами мушаххаси андозсупоранда, суроға, муҳлати эътибор ва алгоритми рамзгузорӣ ҷойгир карда шуда, ба марказҳои тасдиққунанда дода мешавад.

# 2. ТАРТИБИ БА ДАСТ ОВАРДАНИ СЕРТИФИКАТҲОИ РЕШАВӢ

3. Ба даст овардани сертификатҳои решавӣ бо мақсади таъмини аҳамияти ҳуқуқӣ ва амнияти имзои электронӣ, расондани хизматрасонӣ вобаста ба истифодаи имзои электронии ҳифзшуда ва тасдиқи аслияти ҳифзи имзоҳои электронии ҳифзшуда амалӣ карда мешавад.

4. Раванди ба даст овардани сертификати решавӣ тибқи қонунгузории амалкунанда амалӣ карда мешавад.

5. Сертификатҳои решавӣ аз маркази тасдиққунандаи решавӣ, ки ба стандартҳои байналмилалӣ ва давлатӣ мутобиқат мекунад, ба даст оварда мешаванд.

6. Ба даст овардани сертификатҳои решавӣ аз марҳилаҳои зерин иборат мебошад:

1) марказҳои тасдиққунанда ба маркази тасдиққунандаи решавӣ тавассути алоқаи почта, шахсан ё тавассути низоми иттилоотӣ ҳуҷҷатҳо ва маълумоти зеринро пешниҳод менамоянд:

- ариза барои ба даст овардани сертификати решавӣ;

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
рақам 1328
18.02.2025

- номи ҳуқуқӣ;
- нусхаи низомнома (оиннома);
- мақсади истифодаи сертификати решавӣ;
- маълумот дар бораи низоми иттилоотӣ, ки дар он сертификати решавӣ истифода мешавад;
- маълумот дар бораи сиёсати амнияти иттилоотӣ;
- маълумот дар бораи тамоси шахси масъул;

2) маркази тасдиққунандаи решавӣ ҳуҷҷатҳоро барои мувофиқат ба талаботи муқарраршуда дар мӯҳлати на бештар аз 15 рӯзи корӣ месанҷад;

3) марказҳои тасдиққунанда бо маркази тасдиққунандаи решавӣ созишнома мебанданд, ки дар он шартҳои зерин зикр мегардад:

- ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳо;
- мӯҳлати эътибори сертификати решавӣ;
- тартиби иваз ва бозхонди сертификати решавӣ;
- шартҳои таъмини махфият;

4) ҳангоми тасдиқи дархост, маркази тасдиққунанда дар бораи имконияти гирифтани сертификати решавӣ огоҳ карда мешавад.

7. Пас аз баррасии ҳуҷҷатҳо ва санҷиши таъминоти барномавӣ ва қобилиятҳои техникии аризадиҳанда ҷиҳати ҷавобгу будан ба талаботи ба марказҳои тасдиққунанда пешниҳодшаванда, маркази тасдиққунандаи решавӣ ба маркази тасдиққунанда сертификати решавӣ медиҳад. Маълумот дар бораи гирифтани сертификати решавӣ дар маркази тасдиққунандаи решавӣ сабт карда мешавад.

8. Сертификати решавӣ ба маркази тасдиққунанда тавассути хатҳои алоқаи ҳифзшуда, ки аз ҷониби маркази тасдиққунандаи решавӣ тасдиқ шудааст, дода мешавад.

9. Ҳангоми қабули сертификати решавӣ дурустии он бо роҳи санҷиши ҳаҷми назоратӣ ва тасдиқи имзои маркази тасдиққунандаи решавӣ санҷида мешавад.

10. Сертификати решавӣ, ки ба маркази тасдиққунанда дода мешавад, бояд маълумоти зеринро дарбар гирад:

- маълумоти мушаххас, аз ҷумла номи соҳиби сертификат, номи маркази тасдиққунанда ва номи ташкилот;
- номи сертификатдиҳанда (номи маркази тасдиққунандаи решавӣ, ташкилот);
- ҷузъиёти калид ва рамзгузорӣ (калиди кушода, алгоритмҳои имзо);
- маълумот дар бораи сертификати решавӣ (рақами силсилавӣ, рақами ягона, ки ба сертификат дода мешавад);
- мӯҳлати эътибор (санаи оғози амали сертификати решавӣ, санаи ба охир расидани амали сертификати решавӣ);
- навъи сертификати X. 509 навъи 3.

11. Маркази тасдиққунандаи решавӣ сертификати маркази тасдиққунандаро бо роҳи пешниҳоди сертификати нав, ки дар сохтори сертификат, дар майдони омодакунанда, маълумоти маркази тасдиққунандаи решавӣ нишон дода мешавад, ба итоати худ мегирад.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ МАРКАЗИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1328
«18» 02 с.20 25

12. Дар сурати вайрон шудани сертификати решавӣ фавран маркази тасдиққунандаи решавӣ огоҳ карда мешавад. Марказҳои тасдиққунанда ҳангоми ба анҷом расидани муҳлати эътибори амали сертификати решавӣ барои гирифтани сертификати решавии навбатӣ бояд ба маркази тасдиққунандаи решавӣ муроҷиат намоянд.

13. Маркази тасдиққунандаи решавӣ ба маркази тасдиққунанда додани сертификатро дар ҳолатҳои зерин рад мекунад:

- нопурра ё нодуруст будани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда;
- пешниҳоди маълумоти нодуруст ва рад аз санҷиш ва ҳамкорӣ;
- номувофиқатӣ ба талаботи бехатарӣ;
- ба қувваи қонунӣ даромадани қарори суд (қарор дар бораи барҳамдиҳии маркази тасдиққунанда);
- агар таъминоти барномавӣ ва қобилиятҳои техникии аризадиҳанда ба талаботи маркази тасдиққунандаи решавӣ ҷавобгӯ набошанд.

## 3.ТАРТИБИ ИСТИФОДАИ СЕРТИФИКАТҲОИ РЕШАВӢ

14. Марказҳои тасдиққунанда пас аз ба даст овардани сертификати решавӣ онро бояд танҳо мақсаднок истифода баранд. Сертификати решавӣ барои тасдиқи дурустии имзоҳо, ҳосил намудани боварӣ ба сертификатҳои иштирокдорони дигар, инчунин барои санҷиши боварӣ ба имзои электронии ба ҳуҷҷатҳо гузошташуда ва таъмини амнияти криптографии маълумот истифода мешавад.

15. Маркази тасдиққунандаи решавӣ ва марказҳои тасдиққунанда уҳдадоранд, ки сертификати решавиро аз дастрасии беиҷозат, нусхабардорӣ ё талафот ҳифз намоянд.

16. Сертификати решавӣ танҳо дар анборҳои низомҳои боэътимоде, ки санҷиши мутобиқат ба талаботи иттилоотӣ ва бехатарии техникиро гузаштаанд, насб карда мешавад.

17. Ҳама гуна амалҳои марбут ба истифодаи сертификати решавӣ бояд ҳуҷҷатгузорӣ гардида, барои санҷиш дастрас бошанд.

18. Истифодаи сертификати решавӣ қатъиян тибқи санадҳои дохилии маркази тасдиққунанда ва талаботи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад.

19. Сертификати решавӣ барои имзои ҳуҷҷатҳо ё иҷрои амалиёте, ки ба вазифаҳои мустақими функсионалии он дохил карда нашудаанд, истифода намешавад.

20. Сертификати решавӣ дар ҳама таҷҳизот ва низомҳое насб карда мешавад, ки санҷиши имзоро талаб мекунанд. Насбкунӣ аз ҷониби корманди масъули маркази тасдиққунандаи решавӣ бо истифода аз қадамҳои зерин анҷом дода мешавад:

- воридоти сертификат ба махзани сертификатҳои решавии боэътимод (масалан, дар «ОС Windows», «Linux E» низомҳои махсусгардонидашуда);
- санҷиши дурустии насб тавассути санҷишҳои муқаррарии сертификати решавӣ.

21. Ҳангоми ворид шудани ҳуҷҷатҳои электронӣ имзо дар асоси сертификати решавӣ санҷида мешавад.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1328
«18» 02 с. 2025

22. Барои санҷиш таъминоти барномавие истифода мешавад, ки алгоритмҳои муқарраршударо дастгирӣ мекунад ва ба талаботи маркази тасдиқкунандаи решавӣ ҷавобгӯ аст.

23. Дастрасӣ ба сертификати решавӣ танҳо ба кормандони масъули маркази тасдиқкунанда дода мешавад.

24. Дар ҳолатҳои зарурӣ барои додани ҳуқуқи истифодаи сертификати решавӣ, ҳуҷҷат бо нишон додани шахсони масъул ва маҳдудиятҳои муваққатӣ ба расмият даровarda мешавад.

## 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

25. Барои риоя накардани муқаррароти Қоидаҳои мазкур шахсони масъул тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1328
«18» 02 с.20 25